## Шарҳи низоми суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2024

То 31 декабри соли 2024 дар низоми суғуртаи кишвар 16 ташкилоти суғуртавӣ, аз ҷумла 1 ташкилоти суғуртавии давлатӣ ва 15 ташкилоти суғуртавии ғайридавлатӣ фаъолият менамоянд. Аз ин теъдод як ташкилоти суғуртавӣ ба фаъолияти азнавсуғуртакунӣ низ машғул мебошад.

Дар давраи ҳисоботӣ шумораи филиалҳои ташкилотҳои суғуртавии кишвар ва намояндагиҳои онҳо нисбат ба ҳамин давраи соли қаблӣ бетағйир боқӣ монда, мутаносибан 66 ва 6 ададро ташкил дод.

**Ҷадвали 1. Сохтори низоми суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон**

*(бо адад)*

| | *2023* | *2024* | *Тағйирот (+/-)* |
|---|---|---|---|
| **Ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ)** | 16 | 16 | 0 |
| **Ташкилоти суғуртавии давлатӣ** | 1 | 1 | 0 |
| **Ташкилотҳои суғуртавии ғайридавлатӣ** | 15 | 15 | 0 |
| **ташкилоти азнавсуғуртакунӣ**[1] | 1 | 1 | 0 |
| **Филиалҳо** | 66 | 66 | 0 |
| **Намояндагиҳо** | 6 | 6 | 0 |

**Дороиҳои ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ)** дар санаи 31 декабри соли 2024 ба 901,5 млн сомонӣ баробар шуданд, ки нисбат ба соли қаблӣ ба маблағи 85,7 млн сомонӣ ё 10,5 фоиз афзоиш ёфтаанд.

[1]Дар сохтори низоми суғуртаи кишвар як ташкилоти суғуртавӣ ҳамзамон ба фаъолияти азнавсуғуртакунӣ машғул мебошад.

Ҳиссаи дороиҳои низоми суғурта нисбат ба дороиҳои умумии низоми молиявии кишвар дар ин давра ба 1,7 фоиз баробар шуда, нисбат ба ММД 0,6 фоизро ташкил дод.

**Уҳдадориҳои тавозунии ташкилотҳои суғуртавӣ (markazнавсуғуртакунӣ)** маблағи 347,6 млн сомониро ташкил доданд, ки нисбат ба соли 2023 ба маблағи 4,8 млн сомонӣ ё 1,4 фоиз кам мебошад.

**Маблағҳои худии (сармояи)[2] ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ)** дар интиҳои соли 2024 ба 553,9 млн сомонӣ баробар шуда, нисбат ба соли гузашта ба маблағи 90,6 млн сомонӣ ё 19,6 фоиз зиёд гардиданд, ки нишондиҳандаи мазкур асосан аз ҳисоби афзоиши сармояи оинномавии баъзе ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ), ба амал омадааст.

**Сармояи (фонди) оинномавии** ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ)-и кишвар дар ин сол маблағи 485,1 млн сомониро ташкил дода, нисбат ба соли 2023 ба маблағи 150,7 млн сомонӣ ё 45,1 фоиз зиёд шудааст.

**Миқдори умумии шартномаҳои басташуда** дар соли ҳисоботӣ ба 2 286 237 адад баробар шуд, ки дар муқоиса ба соли гузашта ба миқдори 35 788 адад ё 1,5 фоиз кам мебошад.

**Ҳаҷми умумии мукофотҳои суғуртавии (ҳаққи суғуртавии)** ташкилотҳои суғуртавӣ дар моҳҳои январ – декабри соли 2024 маблағи 415,5 млн сомониро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2023 ба андозаи 15,0 млн сомонӣ ё 3,5 фоиз кам мебошад.

**Пардохту ҷубронҳои суғуртавӣ** дар соли 2024 ба 28,7 млн сомонӣ баробар шуда, нисбат ба ҳамин давраи соли қаблӣ 6,0 млн сомонӣ ё 26,6 фоиз афзудааст.

**Хавфҳои базиммагирифтаи ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ)** дар соли 2024 маблағи 153,2 млрд сомониро ташкил дода, дар муқоиса ба соли қаблӣ ба андозаи 1,5 млрд сомонӣ ё 1,0 фоиз зиёд шудаанд.

Дар робита ба ин, хавфҳои ба азнавсуғуртакунӣ интиқолдодаи ташкилотҳои суғуртавӣ дар соли ҳисоботӣ маблағи 103,5 млрд сомониро ташкил намуда, нисбат ба соли 2023 ба маблағи 145,0 млн сомонӣ ё 0,1 фоиз кам шудаанд.

**Мукофоти суғуртавии (ҳаққи суғуртавии) ба азнавсуғуртакунӣ интиқолдодашудаи низоми суғуртаи кишвар** дар соли 2024 ба

[2] Маблағҳои худии (сармояи) ташкилотҳои суғуртавӣ сармояи оинномавӣ, сармояи захиравӣ, сармояи иловагӣ, фонди ҳавасмандгардонӣ, инчунин фоидаи тақсимнашударо дар бар мегиранд.

маблағи 108,0 млн сомонӣ баробар шуда, дар қиёс ба соли қаблӣ ба маблағи 50,2 млн сомонӣ ё 31,7 фоиз кам мебошад.

**Захираҳои суғуртавӣ,** ки далели сари вақт иҷро гардидани уҳдадориҳои ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) мебошанд, дар соли ҳисоботӣ нишондиҳандаи мазкур 255,5 млн сомониро ташкил намуд, ки дар муқоиса ба соли 2023 ба маблағи 6,3 млн сомонӣ ё 2,5 фоиз афзоиш ёфтааст.

**Андозҳои ба буҷет пардохташудаи низоми суғуртаи кишвар** дар соли 2024 ба 43,9 млн сомонӣ расид, ки нисбат ба соли гузашта 8,6 млн сомонӣ ё 24,4 фоиз зиёд мебошад.

**Фоидаи софи ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ)** дар соли 2024 ба 123,9 млн сомонӣ баробар шуд, ки дар муқоиса ба соли гузашта 27,0 млн сомонӣ ё 27,9 фоиз афзудааст.

**Ба интиҳои соли ҳисоботӣ ҳаҷми пасандозҳои ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ)** дар ташкилотҳои қарзии молиявии кишвар маблағи 97,8 млн сомониро ташкил дода, нисбат ба соли қаблӣ ба маблағи 26,4 млн сомонӣ ё 37,0 фоиз афзоиш ёфтааст, ки аз зиёд гардидани саҳми низоми суғурта ба иқтисодиёти миллӣ шаҳодат медиҳад.

**Нишондиҳандаҳои даромаднокии низоми суғуртаи кишвар** дар соли 2024 аз рӯи дороиҳо (ROA) 13,7 фоизро ташкил дода, аз рӯи сармоя (ROE) ба 22,4 фоиз баробар гардид, ки нисбат ба соли қаблӣ мутаносибан 1,8 ва 1,5 банди фоизӣ зиёд мебошанд.